**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**
**ФАКУЛТЕТИ МУҲАНДИСӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ИСТЕҲСОЛӢ**

**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара**
**Шоҳиён Н.Н.____________**
**аз «___»__________соли 2022**

# КОНСЕПСИЯ
# ОИД БА ТАТБИҚИ ИДОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ВА НАВГОНИҲО ДАР РАВАНДИ ДАСТГИРИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2022-2023 ДАР РАВАНДИ АМАЛИСОЗИИ «БАРНОМАИ РУШДИ БОСУРЪАТИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2021-2022 ВА МАСЪАЛАГУЗОРИҲО ТО СОЛИ 2025»



***Данғара- 2022***

**Пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ, саноат, иқтисодиёт ва дигар ҷабҳаҳои зиндагии давлати соҳибистиқлол бе рушди илму фарҳанг ва технологияи муосир ғайриимкон аст.**

**Вобаста ба талаботи соҳаи саноат зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили нақшаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва тайёр кардани мутахассисони касбҳои нав эътибори ҷиддӣ дода шавад.**

**Модоме ки мо ҳама якҷо як кишвари дар дами ҳалокат қарордоштаро ба қаламрави сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва шукуфоиву ободӣ табдил додем, қодир ҳастем, ки ҳамаи мушкилоти дигарро низ бартараф карда, дарояндаи наздик Тоҷикистони маҳбубамонро бо заҳмати сарҷамъонаву ватандӯстона боз ҳам ободу пешрафта гардонем ва обрӯи онро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардорем.**

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон**

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Консепсияи мазкур ҷиҳати дар амал татбиқ намудани масъалагузориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз суханрониашон дар вохӯрӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба муносибати «Рӯзи дониш – дарси сулҳ» дар Литсей-интернати Президентии шаҳри Душанбе аз 1 сентябри соли 2021 баён гардидаанд, «Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Барномаи махсуси саноаткунонии бо суръати кишвар барои солҳои 2020-2030, солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Барномаи рушди босуръати Донишгоҳи давлатии Данғара барои соли таҳсили 2021-2022 ва масъалагузориҳо то соли 2025» таҳия гардидааст.

1.2. Яке аз мафҳумҳои асосии Консепсия гирифтани таҳсилот, мукаммал гардонидани донишу ҷаҳонбинӣ ва ҷавобгӯ будан ба талаботи рақобатпазирии донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Данғара маҳсуб меёбад.

*Салоҳият* - қобилияти шахс барои мустақилона истифода намудани дониш ва малакаҳо дар шароити тағйирёбандагии меҳнат.

Метод – тарзи ба ягон мақсад расидан аст, ки маҷмӯи усулҳои фаъолияти амалӣ ва назариявиро дар бар мегирад ва он инсонро бо тарзҳои ратсионалии гузарондани тадқиқот таъмин намуда, фаъолияти ӯро муносиб мегардонад.

1.3. Дар Консепсияи мазкур вазифаҳои декани факултет ҳамчун татбиқи идораи тағйиротҳо ва навгониҳо дар раванди дастгирии донишҷӯёни факултет дар соли таҳсили 2022-2023 оварда шудааст.

***Донишҷӯёни гиромӣ, Садорати факултет бо мақсади дастгирии ҳар яки Шумо дар алоҳидагӣ вобаста ба қобилият, рағбат, шавқу боварӣ ба худ, ёрии амалӣ мерасонад.***

**ДЕКАНИ ФАКУЛТЕТ**
**ОЛИМОВ Раҳмоналӣ** номзади илмҳои химия, дотсент
E-mail: olimovr1976@mail.ru
Тел: (+ 992)  900 23 15 73

**СОХТОРИИ ФАКУЛТЕТ *4 КАФЕДРА ва 1 МАРКАЗ:***

| | |
|---|---|
| Кафедра технология ва таъмини сифати маҳсулоти саноатӣ | Н.и.и., . и.в. дотсент Рӯзибоев Ҳусен Гулмуродович |
| Кафедраи электроника ва таъмини соҳавии барқ | Абдулҳақов Аслам Пирович |
| Кафедраи дизайн, нассоҷӣ  ва индустрияи муд | Атоев Гулмурод Мирзоевич |
| Кафедраи лоиҳакашӣ ва барномасозии компютерии соҳавӣ | Н.и.т., и.в. дотсент Умаров Анварҷон Нуралиевич |
| **Маркази таълими-тренингии муди «Чаманоро».** | |

**Сиёсати бунёдкорона ва башардӯстонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи илму маориф ва маърифатнокии ҷомеа шоистаи таҳсину пайравӣ буда, дар ҷумҳурӣ гардиши куллиеро ба вуҷуд овард.**



Омӯзгорону кормандони факултет дастуру супоришҳои Роҳбари Давлатро дар мулоқот ва Рӯзи дониш - Дарсҳои сулҳ, ки пайваста дар муассисаҳои таълимӣ бо кормандони соҳаи маорифи кишвар баргузор мегарданд, ҳамчун ҳуҷҷатҳои раҳнамунсоз қабул карда, бахри татбиқи ин дастуру супоришҳо мудом саъю кӯшиш доранд.

Мақсади асосии садорати факултет бевосита таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намудан  ба сифати омода кардани мутахассисони дорои ихтисоси баланд ва ба рақобат дар бозори меҳнат  ҷавобгӯ. Ҳамчунин  дастгирии пайвастаи донишҷӯён маҳсуб меёбад.



Тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстию худшиносии миллӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва якпорчагии сарзамин, бархурдорӣ аз дастовардҳои илму фарҳанги ҷаҳонӣ ҳамчун идомаи мантиқии хирадмандию эҷодкории номбардорони миллати куҳандиёр ба талаботи имрӯзи ҷомеа мутобиқ гардонида шуд.

Воқеан, таълиму тарбия ва ба камол расонидани насли дилсӯзу ғамхори Ватан ва халқу ҷамъият онҳое, ки масъулияти фардои Тоҷикистонро ба зиммаи хеш гирифта тавонад, кори душвор, вале пурифтихор аст.

Барои тарбия ва ба воя расонидани созандагони ояндаи ҷомеа миллати мо тамоми имконоту заминаҳои маънавӣ, равонию ахлоқӣ ва таърихиро дорад.

**ТАТБИҚИ ИДОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ВА НАВГОНИҲО ДАР РАВАНДИ ДАСТГИРИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2022-2023**

**Ҳарчи бештар ҷалб намудани омӯзгорони соҳибунвону соҳибкасби ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ. Таъмини кафедраҳо бо омӯзгорони соҳибунвон на кам аз 50 %.**

**Ҳамчунин бо назардошти ҳаҷми кредитҳои ҷудошуда, гузаронидани машғулиятҳои дарси аз ҷониби омӯзгорон бо истифода аз забонҳои хориҷӣ. Аз ҷумла:**

**Бо забони руссӣ на кам аз 40 %**

**Бо забони англисӣ на кам аз 5 %**




**Таҳия ва ба табъ расонидани барномаҳои намунавии таълимӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ ва махсусан китобҳои дарсӣ бо назардошти талаботи замони муосир аз ҳар як фанни таълимӣ. Ҳамчунин бо дастгирии раёсати Донишгоҳ харидории китобҳои дарсӣ.**

**Ба эътибор гирифтани дархости донишҷӯён ҷиҳати беҳдошти раванди таълим ва баҳри болоравии сифати таълиму тарбия. Мунтазам ҷараён гирифтани дарсҳои кушод ва озмоишӣ.**

**Фаъолгардонии ҷараёни таълим бо унсурҳои бозиҳои расмии касбӣ дар раванди натиҷагирӣ аз идораи сифати таҳсилот.**

**Иштироки донишҷӯён ба иашғулиятҳо на кам аз 90 %.**



**Баланд бардоштани доираи таълими донишҷӯён – тайёр кардани мутахассисони соҳибмаълумоту соҳибфарҳанг ва мутахассисони соҳибкасби ба рақобат дар бозори меҳнат ҷавобгӯ ва таъмини хатмкунандагон ба ҷои кор (кор бо корфармояндагон).**

**Омӯзиши тарбияи муосири мамлакатҳои ҷаҳон ва дар ин раванд ташкили тренингҳо ва курсҳои бозомӯзӣ дар доираи рушди неруи инсонӣ. Баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ, дар рафти таҷрибаомӯзиҳо.**



**Тарғиби дастовардҳои илмӣ-техникии факултет тавассути ташкил намудани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва намоишгоҳҳо. Таъсиси маҳфилҳо ҷиҳати дарёфт ва дастгирии истеъдодҳо тахти мароми "Идораи вакт ва муваффақият" аз фанни ........... .**

**Ҷиҳати ҷустуҷӯ ва дастгирии истеъдодҳо ташкили озмуни нававари беҳтарин - сайқал додани малака, маҳорат ва истеъдоди касбии донишҷӯён (ҳавасгардонии ғолибон аз ҷониби садорати факултет). Дар раванди расидан ба ин ҳадаф пешниҳоди лоиҳаҳои инноватсионӣ бо забонҳои хориҷӣ то 25% (русӣ, англисӣ, олмонӣ, хитоӣ ва ғайра).**



**Таъсиси Ассотсиатсияи хатмкардагони факултет ва дар ин замина ташкили сарчашмаи молиявии грантӣ – барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ, лоиҳакашӣ ва дастгирии истеъдодҳо. Дар корхонаҳои саноатӣ таъсиси марказҳо ва кафедраҳои такиягоҳӣ.**

**Баҳогузории рейтинги хар як се моҳ аз ҷониби садорати факултет ва раёсати Донишгоҳ ба фаъолияти таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, тарбиявии омӯзгорони кафедраҳо ва гурӯҳҳои академӣ (тибқи тартиби муқарраргардида ҳавасгардони бо титулу грантҳо).**



# УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮЁН

**Риояи пурраи тартиботи дохилидонишгоҳӣ ва иштирок ба машғулиятҳои дарсӣ (дарсшикани на зиёда аз 12 соат дар як нимсолаи соли таҳсил).**



**Иштирок дар *озмунҳои ҷумҳуриявии “Тоҷикистон – Ватани азизи ман”, “Фурӯғи субҳи доноӣ, китоб аст”, “Илм – фурӯғи маърифат”* ва олимпиадаҳои дараҷаҳои гуногун.**

**Бештар рӯ овардан ба хондану мутолиаи китоб ва дар ин замина боло бурдани сатҳи маърифатнокӣ, ҷаҳонбинӣ ва сухандону сухангӯ шудан!**



**Аз бар намудани донишҳои муосир, махсусан азхудкунии фанҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва забонҳои хориҷӣ. Вобаста ба шумораи донишҷӯён:**
**Азхудкунии фанҳои дақиқ – ҳатмӣ**
**Барномасозӣ дар барномаҳои C++, Visual Basic, AutoCAD, C# ва ғ. – 35 - 40 %**
**Донистани забонҳо на кам аз ду забон – 50 - 60 % (бағайр аз забони давлатӣ боз як забони хориҷӣ).**



**Ҳунаромӯзӣ, худтакмилдиҳии доимӣ, иштирок дар маҳфилҳои тақвиятбахшии маърифатӣ ва тарзи ҳаёти солим. Таҳти мароми “Ба як фард 40 ҳунар кам аст”.**

Доштани на камтар аз 69 хол аз натиҷаи санҷишҳои марҳилавӣ (бо ҳисоби холҳои ҳавасманкунӣ).



Ҳамчун қадами аввали мустақилияти ҳаёт аз нигоҳи боварӣ ба нерӯи беназири ҳар як донишҷӯ дар асоси Биржаи озоди меҳнат дар як вақт (пас аз машғулиятҳо) таъмин намудани онҳо бо ҷои кор. То ки тавонад лоақал 500 сомонӣ маблағ (дорои молиявӣ)-ро дарёбад.

Иҷрои саривақтии 7 талаботи муҳимми рақобатпазирии донишҷӯён. Масъулиятшиносӣ ҷиҳати гурӯҳбандии донишҷӯён ба 7 гурухи шартӣ. Татбиқи ҳукумати электронӣ.



Донишҷӯ бояд зина ба зина ба камолоти маънавӣ расида, арзишҳои миллӣ ва умумибашариро фаҳмида ва дарк карда тавонад ва дар оянда ҳамчун мутахассис барои пешравии Тоҷикистон ва баланд бардоштани нерӯи зеҳнии миллат саҳм гузорад.



Гирифтани шаҳодатномаҳои муаллифӣ, патенту ихтироот, грантҳо ва истифодаи васеъ аз фондҳои байналхалқӣ.



**Иҷрои кор (лоиҳаҳо)-и курсию дипломӣ кори илмии донишҷӯ буда, яке аз қисмҳои муҳимтарини раванди таълим мебошад. Мавзӯҳо бояд ба талаботҳои касбӣ-тахасусӣ мувофиқат карда, барои пешрафти соҳаҳои гуногуни кишвар ахмияти илмию амалӣ дошта бошанд.**

**Ҳангоми роҳ додан ба талаботи умумиҷаҳонии амали асардуздӣ (плагиат) кор (лоиҳаҳо)-и курсию дипломӣ аз эътибор соқит дониста мешавад. Яъне моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст.**





**Бо мақсади мустаҳкам кардани донишҳои назариявӣ - амалӣ, баланд бардоштани сатҳи қобилияти касбӣ, сайқал додани малака, маҳорат ва нерӯи зеҳнии донишҷӯён, фиристодани онҳо ба корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар (махсусан дар рафти таҷрибаомӯзиҳо).**



Имкониятҳои иловагии хизматрасонии таълимӣ ва мавқеъгирии донишҷӯ дар давраи таҳсил вобастагӣ доранд аз:

1. Гирифтани донишҳои заминавӣ аз рӯи самти таҳсилот;
2. Кӯшиши доимӣ барои муваффақ шудан;
3. Инкишофи малакаҳои фаъолияти ҳақиқии ташкилотчигӣ;
4. Инкишофи қобилияти соҳибкорӣ;
5. Аз бар намудани фаъолияти ояндаи касбӣ аз оғози таҳсил дар муассиса ва комилан дар бораи ҷойи кори оянда фаъолият намудан, кӯшиш ба харҷ додан;
6. Мавҷудият ва амалисозии нақшаи хусусии ҳаёт;
7. Баланд бардоштани қобилияти корбарии шахсӣ.